«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлати Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
н.и.п., дотсент ________ Сафарзода М.В
«08» ________ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд дар мавзуи «Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика))**

Мавзуи диссертатсияи Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд дар мавзуи «Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)) мувофиқ буда, ҳамзамон ба меъёрҳо ва талаботи муқарраргардидаи феҳристи ихтисосҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгу мебошад.

**Мубрами мавзуъи таҳқиқот:** Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вохуриҳо бо олимону омузгорон ҳамеша таҳкит менамоянд, ки низоми маориф тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини аз лиҳози техникиву технологӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад омода намудани донишҷӯён ҳамчун мутахассисони оянда, ки бо донишҳои замонавӣ – техникӣ мусаллаҳ бошанд яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа маҳсуб меёбад. Дар ин самт ба дарёфт, таълиму тарбияи донишҷӯён ва рушд додани қобилиятҳо онҳо махсусан дар саҳми

омӯзиши курси механикаи фанни физика муҳим буда, таваҷҷуҳи аввалидараҷаро талаб менамояд. Мувофиқ ба ин таҳқиқ, коркард ва ҷамъоварии маълумотҳо оид ба беҳтар намудан, дар ин самт барои дар сатҳи баланд тайёр намудани кадрҳои баланихтисос ва мустаҳкам намудани таҳкурсии заминавӣ, бартараф намудани мушкилиҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ дида мешавад, мубрамияти ингуна масъалаҳоро тасдиқ мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Ҳалли масъалаҳо ва таълими курси механика сохтани модели компютериро талаб мекунад, дар соҳаи илми модел ва моделсозии компютерии равандҳои физики беназир ба ҳисоб рафта, тавассути он салоҳиятҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва салоҳиятҳои педагогии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзи аз ҷумла, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ имконияти рушд доданро муҳайё менамояд дар диссертатсия муҳокима ва пешниҳод шудааст. Ба навгониҳои илмии таҳқиқот бандҳои зеринро номбар кардан мумкин аст:

– асосҳои назариявию методологии истифодаи моделсозии компютерии ҳамчун воситаи арзёбии қобилияти мутахассисони оянда барои ҳалли масъалаҳои механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуд. Ин малака як ҷузъи ҷудонашавандаи салоҳияти касбӣ мебошад ва ба такмили худ мусоидат намуда, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои худро тавассути эҷод ва такмил додани моделҳои компютерӣ пайваста инкишоф диҳанд;

– нақши хусусиятҳои саводнокии иттилоотӣ эҳтимолии модели компютерӣ таҳия карда шуд. Моделсозии компютерӣ ҷузъҳои гуногун, сатҳҳо, меъёрҳои рушд, натиҷаҳо ва марҳилаҳои равандро ба назар мегирад. Он ба усулҳои таълим, ки барои гузаронидани ҳалли масъалаҳои механика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода мешаванд, асос ёфтааст;

- афзалиятҳои истифодаи моделсозии компютерӣ барои ҳалли масъалаҳои механика баррасӣ карда шуданд, ки асоси ин маҷмӯи талаботи техникии дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи муҳандисӣ пешбинишуда мебошад;

- функсияҳои барномаҳои моделсозии компютерӣ ва таъиноти онҳо, ки аз татбиқи ҷузъҳои асосии моделҳои компютерии салоҳияти мутахассисони оянда дар ҳалли масъалаҳои механика иборат аст, ошкор карда шуданд;

- раванди муайян ва ҳалли масъалаҳои механика барои мутахассисониояндаи профили техникӣ ба усулҳои муосири моделсозии компютерӣ асос ёфтааст, ки ҷанбаҳои психологӣ, педагогӣ ва мантиқии тафаккури донишҷӯёнро дар фаъолияти касбии худ ба назар мегиранд ва ба рушди тафаккури алгоритмии онҳо мусоидат мекунад. Ин равиш ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки моделсозии компютериро барои ҳалли масъалаҳо аз механика самаранок, дар доираи васеи шакл ва усулҳо таҳия карда, истифода намоянд;

- санҷиши саводнокӣ ва малака хуб ташкил карда шуда, ба таври возеҳ ва фаҳмо гузаронида шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои овардашуда, тадқиқи таҷрибавии озмоишӣ курси механикаи фанни физика рӯйи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, истеъдод ва қобилияти зеҳнӣ ҳамчун сифатҳои низоми техникии инкишофёбандаи шахсият, усули таълими фани физика ва методикаи таълими физика бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим, модели таълимӣ-методии омӯзиши фани физика барои донишҷӯён гузаронидашуда дар таҳқиқоти илмӣ муаллифро имкон медиҳад ба дарёфти дараҷаи илмии номзади сазовор гардад.

**Аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Мавқеи илмӣ, асосҳои назариявӣ, амалӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти анҷомёфта бо пешниҳоди заминаи илмӣ ва методии ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз механика тавасути моделсозии компютерӣ дар муассисаҳои

таҳсилоти олӣ касбӣ ҳамчун рушди назариявӣ ва амалӣ соҳаи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат мекунад. Ин чунин барномаи компютерӣ, коркарди методӣ ва натиҷаҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ ҳангоми таълими фанҳои тахассусии механика дар раванди машғулиятҳо пешниҳод менамояд, тадбиқи натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи захираҳои мавҷудаи техникӣ бе хароҷоти иловагӣ имконпазир буда, ба самараноки иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умуми мусоидат менамояд, ва дар баробари ин, ба ташаккули тафакури шахсияти фаъоли иҷтимоӣ, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, инаватсионии ва мутобиқшавии донишҷӯён ба талаботи ҷомеаи рақамӣ мусоидат менамояд.

Тасдиқоти нуктаҳои илмии таҳқиқотро натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия шаклгирифта, методологияи тамоюли системавӣ, консепсияи илмӣ ва методӣ ва такя ба методҳои назариявию эмпирикӣ (таҷрибавӣ), инчунин таҳлили шарт ва натиҷаҳои озмоиши илмӣ, тасдиқи фарзияи таҳқиқ, ҳамгироии методҳои комплексӣ, ки ба масъалаҳои ҳар як зинаи таҳқиқ ҷамъбастӣ доранд, таҷрибаи муаллиф ба сифати унвонҷӯ ташкил медиҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осорҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ, фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ тавассути истифодаи усулҳои муқоисавӣ, асоснок намудани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаи бадастомада дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори фанни технологияи иттилоотию рақамӣ ва омӯзгорони дар корҳои озмоишӣ ширкатнамуда таъмин карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар коркарди мустақилонаи мавзуи назариявии истифодаи моделсозии математикӣ ва компютерӣ ҳалли масъалаҳо аз механика, коркарди методии истифодаи моделсозии математикӣ ва компютерии масъалаҳои таълимӣ барои ихтисосҳои физика-математика ва техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва истифодаи онҳо дар амалия, коркарди нишондодҳои методӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда арзёбӣ мешавад.

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 15 номгӯи мақолаҳои илмӣ, ки 7 номгӯйи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 номгӯйи он дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия дар 182 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шуда, дорои 5 ҷадвал ва 19 расм мебошад. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар боб алоҳида аст. Руйхати адабиёт аз 196 номгуй иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии моделсозии математикӣ ва компютерии масъалаҳои таълими механика ва нақши он дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ» ном дошта, аз панҷ зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум масъалаҳои асосии назариявии моделсозии математикӣ ва компютерии масъалаҳои таълими механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баён мегардад. Зербоби дуюм усули намунавӣ ё таълими ҳалли масъалаҳо аз механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Дар зербоби сеюм таҳқиқоти моделсозӣ барои таълими масъалаҳои механика дар муассисаи таҳсилоти

олии касбӣ оварда шудааст. Дар зербоби чорум муайян кардани нақши моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика пешниҳод гардидааст. Дар зербоби панҷум муайян кардани хусусиятҳои хоси истифодаи моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қайд мегардад.

Дар боби дуюм, ки «Усули амалигардонии моделсозии компютерӣ ҳамчун воситаи инкишофи малака ва маҳорати касбии донишҷӯён дар таълими фанни механикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» номгузорӣ шудааст ва аз шаш зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум амалигардонии шакл ва методҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика оварда шудааст. Зербоби дуюм ба нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълими механика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Зербоби сеюм бошад, шаклҳо ва методҳои амалигардонии моделсозии компютерии ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни механикаро дар бар мегирад. Зербоби чорум аз вижагиҳои ташаккул додани маҳорату малакаҳои таълимгирандагони МТОК зимни корбурди моделсозии компютерӣ иборат аст. Дар зербоби панҷум ташаккул додани тафаккури алгоритмӣ оид ба таълими фанни механика оварда шудааст. Дар зербоби шашум ташаккул додани фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика, қайд гардидааст.

Боби сеюм номи мавзӯъи «Асосҳои моделсозии компютерии масъалаҳои таълимии механика ва озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ» -ро доро буда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум шарҳи назариявии асосҳои моделсозии компютерии масъалаҳои таълимии механика дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ қайд карда шудааст. Зербоби дуюм бошад, ба гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва натиҷагирӣ аз он бахшида шудааст.

Диссертатсия аз ҷиҳати пайдарҳамии бандҳо, сохтори илмӣ ва мавзуи илмӣ дуруст ҷобаҷо карда шуда, тибқи талаботи Комиссияи олли аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият даровaрда шудааст. Саҳифаҳои диссертатсия дуруст рақамгузорӣ шуда, дар қисми поёнии саҳифаҳо бо радифсозии мутамарказ гузаронида шудааст. Таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки номи диссертатсия ба муҳтавои он мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Сайдаҳмадзода И.С кори ба анҷомрасида ба ҳособ рафта, фарогири аҳамияти илмӣ мебошад.

**Мутобиқи тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд дар мавзуи «Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)) проблемаи воқеии илмӣ оид ба масъала ҳал карда шудааст, ба талаботи пешбинишудаи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, ба самти шурои диссертатсиони 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав мувофиқ мебошад.

Автореферати дессертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ таҳия гардид, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назараси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтааст.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест:

1. Дар диссертатсияи натиҷаҳои таҳқиқотҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронидашуда, оварда мешавад. Хуб мешуд, бағайр аз ду МТОК боз аз шароити гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар якчанд дигар МТОК низ маълумот медод.

2. Дар диссертатсия бештар масъалаҳои одди ва мураккабӣ таълимӣ аз механикаи (физика) МТМУ оварда мешуд, беҳтар мегардид, чун ки ин гуна масъалаҳо дар адабиёти МТМУ кам дида мешавад.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ дида мешаванд.

Эродҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд дар мавзуи «Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷомёфта аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педпгогӣ аз руйи ихтиссоси дар боло зикр шуда сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети физика- математика ва информатика Самарридинова З.Н.

омода гардида, дар ҷаласаи васеъи кафедраҳои методикаи таълими физика ва информатика муҳокима ва тасдиқ шудааст (Сураҷаласаи № 08 ноябри соли 2025).

Дар ҷаласаи васеъи кафедраҳо иштирок доштанд 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
декани факултети физика-математика
ва информатика: Самарридинова З. Н.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ,
саромӯзгори кафедраи методикаи
таълими физика: Қаландарова М.С.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ
ва назариявӣ: Аламова Х.Т.

Имзоҳои Самарридинова З. Н., Қаландарова М.С., Аламова Х.Т. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб
кӯчаи С.Сафаров 16
тел: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
E-mail: info@kgu.tj;
сомонаи расмӣ: https://www. kgu.tj
«08» 11 соли 2025